Ҳаргоҳ яке аз шумо хобе дид, ки он хобро дӯст дорад (яъне хоби хубе дид), бидонад, ки он хоб аз ҷониби Худо аст, бояд Худовандро барои он шукр бигӯяд ва онро ба дигарон нақл намояд. Аммо агар хобе бинад, ки дӯсташ надорад (яъне хоби бад), он хоб аз ҷониби шайтон аст, бояд аз шарри он ба Худованд паноҳ барад ва онро ба касе нақл накунад, зеро он хоб ба ӯ зарар намерасонад

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидааст, ки мегӯяд: "Ҳаргоҳ яке аз шумо хобе дид, ки он хобро дӯст дорад (яъне хоби хубе дид), бидонад, ки он хоб аз ҷониби Худо аст, бояд Худовандро барои он шукр бигӯяд ва онро ба дигарон нақл намояд. Аммо агар хобе бинад, ки дӯсташ надорад (яъне хоби бад), он хоб аз ҷониби шайтон аст, бояд аз шарри он ба Худованд паноҳ барад ва онро ба касе нақл накунад, зеро он хоб ба ӯ зарар намерасонад."

[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки хобҳои хубу хушҳолкунанда аз ҷониби Худо ҳастанд, пас бояд Худовандро барои он шукр кард ва онҳоро нақл намуд. Агар шахс хоби нохуше бинад, ки ӯро нороҳат мекунад, он аз шайтон аст ва бояд аз шарри он ба Худо паноҳ барад ва онро ба касе нагӯяд, зеро он ба ӯ зиёне намерасонад, чун Худованд инро сабаби наҷот аз бадие, ки аз он хоб ҳосил мешавад, қарор додааст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3285